Абунасри Фароҳӣ

# “НИСОБ - УС - СИБЁН”



АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

# «НИСОБ – УС – СИБЁН»

ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2018

**ББК 83.3 (2 точик)**
**А - 57**

**А – 57.** Таҳияи Саидамир Аминов **«Нисоб – ус – сибён»** - Душанбе, Маориф, 2018, 40 саҳ.

**Таҳияи Саидамир Аминов**

**Зери назари профессор**
**Урватулло Тоиров**

**ISBN 978-99947-1-531-2**

**© С. Аминов**

КИТОБХОНА
ДДОТ ба номи С. Айнӣ
АМВОЛ № 717750

## Дастури Абунасри Фарохӣ « Нисоб – ус – сибён » оид ба луғатомӯзӣ

Дастраси оммаи васеи хонандагон гардонидани чакидаҳои хомаи ниёгон, ки ҳамзамон метавонад ҷиҳати такомули маънавиёт нақши босазо гузорад, кори хайресту қобили пайгирӣ. Гузаштагон китобҳои фаровоне барои кӯдакону наврасон таълиф намудаанд, аммо афсӯс, ки солҳои мадиде рӯйи табъро надидаанд.

Дастури таълимии Абунасри Фарохӣ «Нисоб-ус-сибён» аз он ҷумла аст. Абунасри Фарохӣ дар садаи XIII зиста, асарро чун дастури омӯзиш тасниф ва таълиф кардааст. Вай борҳо рӯйи чопро дидааст ва нусхае, ки дар дасти мо қарор дорад, дар соли 1311 ҳ.(1194) ба табъ расидааст. «Нисоб-ус-сибён» асарест, ки нашри он ҳам барои хонандагону донишҷӯён, ҳам барои омӯзгорон ва ҳам барои алоқамандони забону адабиёти тоҷик муфид хоҳад буд. Оид ба аҳамияти он метавон ба таври мухтасар чунин изҳори ақида кард:

а) асар, қабл аз ҳама, таълимӣ буда, вожаҳои фаровонеро шарҳ медиҳад. Дар он тартиби кор

чунин аст, ки дар муқобили калимаҳои арабӣ муродифи тоҷикӣ - форсии онҳо дода мешавад. Дар нусхаи асл барои ба кадом забон тааллуқ доштани калимаро муайян сохтан зери калимоти арабӣ ҳарфи айн (яъне арабӣ) ва зери вожаи тоҷикӣ - форсӣ ҳарфи ф (форсӣ) сабт ёфтаанд. Азбаски дар шакли асл чоп кардан мушкилоти зиёди техникӣ ба бор меорад, мо ишораро ба таври дигар анҷом додем. Калимаҳое, ки бо сиёҳии баланд чоп шудаанд, тоҷикӣ - форсӣ мебошанд;

б) барои ганӣ сохтани захираи луғавии хонандагон нақши бебаҳо дорад;

в) мусаллам аст, ки дар шакли шеър (назм) маънидоди луғат барои мактабиён муассир тамом мешавад, зеро онро аз ёд кардан осон аст ва дар хотирҳо то дергоҳ нақш мебандад;

г) ба иртиботи ин ки дар таркиби луғавии забони точикӣ калимоти зиёди арабӣ мушоҳида мегардад, ин дастур чун калиде барои во кардани уқдаҳо хидмат мекунад;

ғ) барои ташхису шинохти авзони шеър баҳрҳо дар унвони қитъаҳо зикр ёфтаанд;

д) хонандагон бо истилоҳҳои фаровони адабию илмии гуногун ошно мегарданд ва ин дастур то андозае чун манбаи истилоҳ хидмат карда метавонад;

е) ва, ниҳоят, ба туфайли ин дастур мактабиён дар муқаррар сохтани авзону аркони шеьр маҳорат ҳосил карда, баҳрҳо (Мутақориб, Муҷтас. Рамал, Хафиф, Ҳазаҷ, Раҷаз) - ро ёд мегиранд, ки дар ин шакл ҳифз кардан ба онон душворӣ намеорад.

Ҳамзамон барои мактабиёне ва донишҷӯёне, ки машқи шеърнависӣ мекунанд, ёрӣ мерасонад.

Бо вуҷуди ин, азбаски «Нисоб-ус-сибён» бисёр калимоти душвори арабӣ дораду дуруст хондани онҳо мушкил аст, донишмандони гуногун дар асрҳои гуногун бар он шарҳо бастаанд.

Дар қарни XVI Мавлоно Низомуддин писари Мавлоно Ҳусайн Воизи Кошифӣ бар «Нисоб-ус-сибён» шарҳ навиштааст. Сипас чунин корро касони дигар низ анҷом додаанд. Масалан, барои фарқ кардани калимаҳои аз рӯйи навишт якхелаи «амр» ва «умар» дар охири «амр» як ҳарфи «вов» (в) изофа мекунанд. Ин фикрро шореҳ чунин шарҳ додааст:

«Бамр - ба фатҳи айни муҳмала ва сукуни мим ва охири он «вов» аломати рафъулқиёс аз «умар - биззам».

Инак, дастури мазкур зери назари профессор У. Тоиров пешкаши Шумо - ҳаводорони шеъру адаби тоҷикӣ - форсӣ мегардад.

**Саидамир Аминов**

## Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим

*Ҳамегӯяд Абунасри Фароҳӣ*
*Ба тавфиқи худованди илоҳӣ.*

Ҳусида ҳофидаҳу ва ҳуфида ҳосидаҳу мо ҳарракат - туш- шамоли нахлад дақиқи ва таҳарракат – уш - шимолу ан нахлад – дақиқ, ки сибёнро пеш аз тааллуми луғат рағбат меафтад ба ашъори форсӣ. Чун хуш омадани шеър мар табъҳои мавзунро ғаризест,тааллуми луғат калиди ҳамаи илмҳост, пас қадре аз вай назм кардам, то бетакаллуф ёд гиранд ва чанд байт, ки зобит буд, мар ҳар чизеро аз улуми мутафаррика дар миёни ин қитъаҳо даровардам, то ба навиштан ва хондани ии нусха ҳар касеро рағбат афтад. Чун ин маҷмуа дувисту бист байт омад, «Нисоб-ус-сибён» ном кардам.

**Ҳозиҳи ал - қитъатул - уло фӣ баҳр - ит - Тақоруб - ил - мусамман - ил – мақсур**

Дар баҳри Тақоруб тақарруб намой,
Бад ин вазн мизони табъ озмой.
Фаъӯлун / фаъӯлун / фаъӯлун / фаъӯл,
Чу гуфтӣ, бигӯ, ай маҳи дилрубой.
Илоҳ аст Аллоҳу Раҳмон – **Худой,**
Далел асту ҳодӣ ту гӯ **раҳнамой.**
Само – **осмон**, арзу ғабро – **замин,**
Маҳаллу макону маъон аст **ҷой**.
Сақар - **дӯзаху** нор – **оташ**, вале
Ки ҷаннат – **биҳишт**, охират - он **сарой.**
Рия - **шиш,** қафо - **ҳираю** ваҷҳ – **рӯй,**
Фахиз - **рои,** ақиб – **пошна**, риҷл - **пой.**
Шафат – **лаб**, лисон чӣ? - **Забон,** фам – **даҳон,**
Яду ҷоруҳа - **дасту** ҳулқум - **ной.**
Фарас **аспу** бағл **астару** сарҷ – **зин,**
Баъир **уштур** асту ҷарас чӣ? – **Дарой.**
Раҷул - **марду** маръат - **зан,** завҷ – **ҷуфт,**
Ғанӣ **молдор** асту мискин - **гадой.**
Қанот аст **корезу** азб - **оби хуш,**
Чу янбуъ – **чашма**, ҳамаъ аст **лой.**
Кирон - **уду** барбату ватару ширъа - **рӯда,**
Вале санҷ **чанг** асту мизмор - **ной.**
Ҳудо – **ростӣ**, кизбу фиря – **дурӯғ,**
Афифу ҳасуру вареъ - **порсой.**
Балад, кураро **шаҳр** дон, шаҳр – **моҳ,**
Диғар витрро тоқ дон, тоқ - **той.**
Саман  чӣ? - **Баҳою** баҳо – **равшанӣ,**

Субур аст вайлу бувад вайл - **вой.**
Қитом аст **зани шаҳватӣ**, қафрст - **холӣ,**
Чу фақа **замини баланд** асту минор - **ҷой**.
Ҳақиқу ҷадиру камину ҳарӣ
**Сазовор**,ҳо - **гиру** удхул - **дарой.**

**Ал қитьат - ус - сонията - фӣ баҳр - ил Муҷтас(с)**

Зиҳӣ ба ғулшани ҷонҳо қади ту сарви равон,
Рухи ту бар фалаки дилбарӣ маҳи тобон.
Мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилот,
Бигӯй муҷтас(с) ин баҳррову хуш бархон.
Зиё - нуру сано – **равшанӣ**, уфуқ чӣ? – **Карон,**
Фато, хафиф - **ҷавону сабук**, сақил – **гарон.**
Заҳаб **зар** асту ҳадид - **оҳану** расос – **арзиз,**
Луҷайн - **симу** зуҷоҷ - **обгина**, маъдан - **кон**.
Нуҳосу суфр - **мису рӯй**, онук аст **сурб**,
Ҳулист **зевару** ғолӣ - **гарон**, рахис - **арзон**.
Асаб - **паю** ялаба - **ҷавшан** асту диръ – **зирех**,
Ваҳақ - **каманд**, вале наслу миъбада - **пайкон.**
Аҷоҷу нақъу қатому ҳубову ҳайҷ - **ғубор**.
Қулум - **хастағию** мавт – **маргу** мирра - **тавон**.
Ҳушоша - **боқии ҷону** уроза – **раҳовард**,
Қуроза - **резан зар**, рибҳ - **суду** хуср - **зиён**.
Яғусу Насру Яъуқ аст, Баълу Вуд, Уззо,
Сивоъу Лоту Манот аст номҳои бутон.
Санам чун насб нусуб дону ҷибту нидд, тоғут,
Васан - **буту** васанӣ - **бутпарасту** илл – **паймон.**
Ҳадаф - **нншона**, ғараз ҳам хатиъа **зеҳгир аст,**
Ватар - **зеҳ** омаду меъроз - **тир** к-аз майдон.

Маҳок **охири моҳ** аст, маҳқу муҳиқ – **покидан**
Меҳина аст **бузургӣ,** чу малҳама - **шӯрон.**
Чу авд **шорифи ноб** аст, силб - **уштури пир**,
Афилу ҳошия, ҳашв - **уштурони ҷавон**.

**Алқитъат - ус - солиса фӣ баҳр - ир - Рамал**

Эй ба борикӣ миёнат ҳамчу мӯе дар камар,
Ғунча аз рашки даҳонат мехӯрад хуни ҷигар.
Фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилун,
Хезу дар баҳри Рамал ин қитъаро бархон зи бар.
Ҷид – **гардан**, садр – **сина**, рукба - **зону** раъс – сар,
Савб – **ҷома**, ризқ – **рӯзӣ**, зод – **тӯша**, боб - **дар.**
Арш - **сақфу** байт – **хона**, куҳл – **сурма**, рамл – **рег,**
Ҳусн – **хубӣ**, қубҳ – **зиштӣ**, ҷоф - **хушку** ратб **- тар**.
Зиъб, сирҳон, сид - **гургу** самъ - **гӯщу** фора – **муш,**
Ҳайя - **мору** ҳут – **моҳӣ**, тайр - **мурғу** риш - **пар**.
Айн - **чашму** анф – **бинӣ**, ҳоҷиб – **абрӯ**, шаър – **мӯй,**
Нақӣ - **мағзу** шаҳм - **пиҳу** узн - **гӯш**, утруш - **кар.**
Ҳудна - **сулҳу** ҳарб - **ҷангу** явм - **рӯзу** лайл – **шаб,**
**Ғайз** - **хашму** зиҳқ – **ханда**, ҳикка-**хориш**, нуқба-**кар.**
Шориқу шамсу зуҳову юҳу байзо – **офтоб,**
Сому тибру асҷаду уқёну айну назр - **зар.**
Найк – **суҳбат**, қубла – **бӯса**, маҳр – **кобин**, ҳидн – **дӯст,**
Завҷ - **шӯю** завҷа – **зан**, изҳот - **сусту** фаҳл - **нар.**
Ҳинта – **гандум**, духна-**арзан**, хубз - **нону** лаҳм – **гӯшт,**
Асл - **беху** фаръ - **шоху** базр - **тухму** қатф - **бар.**
Луҷҷаву домову ямму баҳр - **дарё, қаър - таг,**
Фил– **нилу** бақ – **паша,** забиву ҳимор – **оҳуву хар.**
Шиншина, ҳиҷҷийру шима дайдану доб аст **хӯй,**

Ғайс - **борон**, салҷ - **барфу** сод - **нам**, маблул - **тар.**
Шатту шотӣ, зиффа. турра, удваю соҳил – **канор,**
Мазраа, ҳора **калота** дону ҳорис – **барзгар.**
Кавва - **равзан**, ғурфа - **дарвозасту** судда – **пешгоҳ,**
Сикка - **кӯча**, дарб **дарвозаст**, маъбар - **раҳгузар.**
Базза-**ҷома**, ситр-**парда,** руқъа - **пора,** расс – **куҳан,**
Аззиҳора **абра** дону албитона - **остар.**
Ҳаст зумро **- санги гарму** ҳумра – санги ҳоҷиён,
**Ҷода - роҳи нозуку** маҳдиву муршид **- роҳбар.**
Зубра дон **як пора оҳан**, кисар дон **як нора ной,**
Ҷузва дон **як пора оташ** филза - **як пора ҷигар**.

**Алқитьат - ур - робиъа фӣ баҳр - ил – Муҷтасс**

Зиҳӣ таровати рӯят гули ҳамешабаҳор,
Қади ту дар чамани ҳусн сарви хушрафтор.
Мафоъилун /фаъилотун /мафоъилун / фаъилот,
Бигӯй Муҷтасу баҳррову кун такрор.
Фарис - **чанбару** кум **- остину** сиб – **дастор,**
Қалилу назру ясир - **андаку ҳисоб** - шумор.
Қитоб - **ҷайбу** саровил - **нзору** хуф – **мӯза,**
Итод – **сози раҳу** ҷиср - **пул,** зимом - **миҳор**.
Мадинаю баладу миср - **шаҳру** сувр – **рабаз**,
Чунон ки маърака - **лашкаргаҳ** асту ҳисн - ҳисор.
Саҳифа - **нома, қ**алам дону сиккин – **корд,**
Хиёт, михят – **сӯзан** чу хурту самм – **суфор.**
Лабиб – **оқил**у ғумру габию ғофил – **гӯл,**
Шақиқ - **додару** ридъу рафиқу соҳиб - **ёр.**
Ҳадиқа - **боғу** хашаб - **чӯбу** хавх – **шафтолу,**
Сафарҷал - **обиву** туффоҳ - **себу** руммон - **нор.**

Аҳад – **яке,** ашара – **даҳ,** миа – **сад,** иснон - **ду,**
Салосу хамс - **сею панҷу** арбаъ аст **чаҳор.**
Валек ситтаву сабъа, самония, тисъа,
**Шаш** асту **ҳафт,** дигар **ҳашту нуҳ** чу алф - **ҳазор.**
Уқору қаҳваву роҳу мудому карқаф – **май,**
Кумӣ - **диловару** форис – **савору** сайд – **шикор.**
Ғараб **пад** асту **санавбар** хилоф бар ӯ тобад,
Чу нахл - **хурмою** фирсод – **тут,** дулб - **чинор.**
Варақ чӣ? **Барги дарахт** асту ғусон - **шохи дарахт,**
Чу давҳа - **бехи дарахту** ғусом – **шохи дарахт.**
Чу талҳу хамт **дарахтони хор** бо муз аст,
Чу аслу шӯргазу шавк – **хору** сидр - **кунор.**
**Намад** лабода бувад, **моли барниҳода** – лубад,
**Палос - ҳилсу дарахту замину об -** ақор.
Шамома **атр** бувад, **бӯйу бӯйдон -** ҷуна,
Ба мадду қаср ту мовардро **гулоб** шумор.
Тасофуҳ аст **гирифтан чу дасти якдигар,**
Таонуқ аст **гирифтан, канору** маҷр - **канор.**
Раҳиз - **шушта**, данис - **шухгун**, барӣ - **бешарм,**
Залул - **рому** васин - **хуфтаю** лақиз - **бедор.**
Авону саййиба, колуму аруб – **шавҳардӯст,**
Қиром - **пардан борику тикка - банди изор.**
Муроҳ - **ҷои шутур,** марбиз аст - **ҷои ғанам,**
Кинос дону виҷор - **они оҳую кафтор.**
Қазим дон **ҷави хар,** миълаф **охур,** оре,
Алиқа - **тубра,** нишвору ҷирра чӣ? – **нушхор.**
Ақур - **қалби газанда,** ҷамал **щутур** бошад,
Ҳариф - **фасли хазону** рабеъ – **фасли баҳор.**

**Алқитъат - ул - хомиса фӣ баҳр - ил - Муҷтасс**

Бирез дар садафи сина, ай ҳунарпарвар,
Зи баҳри дилкаши Муҷтас сафинаҳои гуҳар.
Мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилун,
Бихон зи баъди вай ин қитъаи нисоб аз бар.
Қарибу рукн ҳамим асту **хеш** ва ибн – **писар,**
Валиду тифл – **бача,** умму волида - **модар.**
Раҳим, қаробат **заҳдон** бувад, хатан – **домод,**
Чунон ки сиҳр – **хусур,** волиду аб аст **падар.**
Закист **поку** ҳафӣ – **меҳрубон,** хафо - **пинҳон,**
Ҷалӣ - **палиду** набию расул - **пайғамбар.**
Малак - **фаришта,** фалак - **чарх**у муштарӣ – **бирҷис,**
Шиҳобу кавкабу дурриву наҷм чӣ? - **Ахтар.**
Даъист чун мутабаннӣ – **писаргирифта,** валек
Миҷарра – **коҳкашон,** хатти истиво - **меҳвар.**
Фалақ **- сафеда**, шафақ - **равшании аввали шаб**.
Рабиба **- духтари зан**, бинту ибна дон **духтар**.
Ҳамал – **барра**, бақару савр **гову** иҷл **бачаш,**
Марора – **заҳра**, тиҳолу кабид **- сипурзу ҷигар.**
Баъид - **дуру** вара – **пас**, амом - **пешу** васат-
**Миёна,** васт – **миён,** таҳт - **зеру** фавқ - **забар**.
Алот – **сандон**, фиттис - **путку** минфах - **дам,**
Қадуму минҳат - **теша**, хасину фос - **табар.**
Сувор **дастбиринҷин** чу пойро халхол,
Вишоу икд - **ҳамоил**, риъосу тоҷ - афсор.
Бадеъ – **нахустин**, сонӣ – **дувум**, ахир - **пасин,**
Нақиз – **аввалӣ**, ухро - **ахир** асту дигар.
Қамис - **куртаву** ялмақ - **қабою** райт - **рукӯй**.
Насиф ҳамчу химорст, миқнаъаю миъҷар.

Уҷоҷ - **талх**у тафаҳ – **бемазаст**, малеҳ – **шӯр,**
Фуроту азбу забибу асаф - **мавизи кабар**.
Шарора **худра** бувад, мориҷу шувозу лаҳаб-
**Забона,** фаҳм чӣ? – **Ангишт**, рамод - **хокистар.**
Аҷин - **хамир**у дақиқ - **орд**у нухола – **сабӯс,**
Идом - **нонхӯриш**у қанду сукка аст **шаккар**.
Ҳизом - **танг**у сафар – **пордум**, лиҷом – **лигом,**
Инон - **дуволи вай,** минтақу нитоқ **- камар.**
Рикозу канз бувад **канз,** сайрафӣ – **сарроф**,
Ситуқа - **сетаҳ**у ҳаддоду қайн – **оҳангар**.

## Алқитъат - ус - содиса фӣ баҳр - ир – Рамал

Ай ки чашми мастат аз шӯхӣ дилу ақлам рабуд.
Бар забонам нест ҷуз зикри лабат гуфтушунуд.
Фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилун,
Чун бидонистӣ, ки ин баҳри Рамал шуд, ғӯй зуд.
Фарҳу фарруҷ аст **чӯжа**, байза – **тухми мурғ**у хувд
Чун инаб - **ангур**у тин - **анҷир**у кумасро - **мурӯд.**
Асфару фоқеъ чӣ? **Зард** аст, аҳмару қотист - **сурх**.
Ҳаст ахзар **сабз**у возеҳ - **равшан**у азрақ - **кабуд**.
Ҷандалу сахру ҳаҷар чун ҷалмаду ҷалмуд - **санг.**
Ҳаст ҳасбо **сангреза,** моъи водӣ **- оби рӯд.**
Ҷавд - **файзу** ҷуд - **бахшиш**, ҷавда – **некӣ**, ҷуда – **танг**,
Ваъзу мисоқу таҳийят - **панду паймону дуруд.**
Ғабн **дар зарҳо зиён** асту ғабан дар **ройҳо,**
Чун ғино дон **бениёзӣ**, дар мад хонӣ суруд.
Зиър - **доя,** ҳайй – **зинда**, дибс - **дӯшоб** аст бас,
Сум **сайр**у ҷулҷулон - **кашниз**у ҳиммис чӣ? - **Нахӯд**.

Розиёнаҷ - **бодиён**, сукк - **бӯи хуш,** изхир – **фариз,**
Насру шаттаро **пароканда** шумор, маҷмуъ **– кул.**
Тоҷир - он солори **бозаргону** фоҷир – **нобакор,**
Соид он **марде, ки боло меравад,** ҳобит – **фуруд.**
Ҳовия дон чун ҷаҳаннам **дӯзаху** ғассоқ – **рим,**
Дуда - **кирму** натн - **бӯю** чун духон яҳмум - **дуд.**
Ҷиъ - **биё**, изҳаб - **бирав**, ифъал - **бикун**, иқбаз – **бигир,**
Кул – **бихӯр,** новил – **бидеҳ**, ҳофиз – **нигаҳбон**, дун- **фуруд.**
Фувл бошад **боқилову** зурра – **арзан**, силта – **ҷав,**
Пас адас дон **донча,** маҷ - **мошу** зоид дон **фуруд.**

## Алқитъат - ус - содиса фӣ баҳр - ил - Муҷтас(с)

Чу дил зи пардаи ушшоқ баркашад оҳанг,
Ба баҳри Муҷтас бархон ғазал ба нағмаву чанг.
Мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилот,
Бигӯй, то шавадат ақлу донишу фарҳанг.
Суъол - **сурфаву** суръат – **шитоб**, лабс – **даранг,**
Қасир - **кӯтаҳу** восеъ – **фарох,** зайййиқ - **танг.**
**Ҳилол моҳи нав асту** қамар - **маҳу** қамро –
**Шуоъи ӯ**, заҳару сибғ чӣ? - **шукуфаю ранг.**
Ашаҷҷ - **шикастасару** лиҳя - **ришу ақраъ** – кал,
Шалу ақтаъ **бедаст** дону аъраҷ - **ланг.**
Қатил - **куштаву** азм – **устухон,** забӯъ – **кафтор,**
Чу фаҳду дуббу намир юз дон **хирсу паланг.**
Ғуроб -**зоғ, ҳазор** аст андалеб, куайт,
Вале ҳамомаву куркӣ **кабӯтар асту куланг.**
Қасаб **най** омаду тарфа - **ғазу яроъа – ғарв,**

Чунон ки суъбану тимсоҳ - **аждаҳову наҳанғ**.
Маноҳа - **мотаму** кофӣ - **басанду** табъ – **маниш,**
Залил - **хору** азиз - **арҷманду** қасд - **оҳанғ.**
Ҳимо, қуруъ, тураъ, равза **марғзор** шинос,
Ватар чӣ? Ҳоҷату сулҳ – **оштӣ,** хусумат - **ҷанг**.
Савиқ - **пасту** ҳашишу ҷариш – **палғуриш,**
Ҷашиб **таоми дурушт** асту ҳавк чӣ? **Бӯюнг.**
Қафор - **нони тиҳӣ**, фавҷу ҳизбу сулла – **гурӯҳ,**
Субот - **хобу** шақиру фувват - **лолаву руданг**.
Закист **зираку** ниҳриру ҳибр – **донишманд,**
Адибро **адабомӯз** дон, адаб - **фарҳанг.**

**Алқитъат-ус - сомина фӣ баҳр -ит-Тақоруб – ул- мусамман**

Зи шарми рухат лоларо хун шуда дил,
Зи рашки қадат сарвро пой дар гил.
Фаъулун / фаъулун / фаъулун / фаъулун,
Тақоруб аз ин вазн гардид ҳосил.
Туробу рағому саро - **хоку** тин – **гил,**
Ватан – **ҷойгаҳ**, карм - **раз**, рабъ - **манзил.**
Даҳ аспанд дар тохтан ҳар якеро,
Ба тартиб номест равшан, на мушкил.
Муҷалло, мусалло, мусаллӣ, таалло,
Чу муртоҳу отиф ҳазийю муаммил.
Латиму сукист, ирб - **ҳоҷат**, арақ - **хай,**
Фуод аст қалбу ҷанону ҳашо – **дил.**
Бад – ин даҳ дуе дигар илҳоқ мекун,
Яке ҳаст қошур, дигар чӣ? – Фисқил.

Ҳисон **асби нар** дон, ироб - **асби тозӣ,**
Ҳарун - **асби тавсан**, нуҳо - **марди оқил**.
Чу сафрову авҷо **камон дону** дигар,
Нузакко шумар ҳамчу мазбуҳ бисмил.
Лабин **хишти хом** асту оҷур чӣ? **Пухта,**
Асир **зидди осон**, авис аст **мушкил.**
Ғаюр аст **рашкин**, лабус аст **зиддаш**,
Асиф аст **ғамгин**, наҳиф аст **бедил.**

**Алқитъат - ут - тосиат фӣ баҳр - ит - Тақоруб - ул - мусамман - ил - мақсур**

Аё оразат рашки хуршеду моҳ,
Гарат дар Тақоруб шавад иштибоҳ.
Фаъӯлун / фаъӯлун / фаъӯлун /фаъӯл
Бихонаш дар ин вазн ҳар субҳгоҳ.
Самар – **мева**, ҳаб - **дона**, тибн - **коҳ**,
Тариқу сабилу сирот аст **роҳ**.
Сабӣ - **кӯдаку** шайх – **хоҷа**, нафс –
**Даму** ҷунд - **ҷайш** асту аскар - **сипоҳ.**
Араз – **хоста**, торифу толидаш,
**Наваш** бо кинон асту фосид - **табо**ҳ.
Ғаду амс аксанд, **фардову дӣ,**
Чу абиз **сафед** асту асвад - **сиёҳ**.
Зануб аст ғарбу саҷл аст **далв**,
Ракийят аст биру қалиб аст **чоҳ**.
Ҳиҷо, ҳиҷру лубб, ақлу нуҳя – **хирад,**
Хато, ҷурм, занб асту исён - **гуноҳ**.
Хатаб **ҳезум** асту зирому ҳасаб
**Фурӯзина**, ушбу қалаъ дон **гиёҳ**.



КИТОБХОНА
ДДОТ ба номи С.АЙНӢ
АМВОЛ № 717750

Маносу мафар - **ҷои бигрехган**,
Маъозу малоз асту малҷо - **панох**.
Ҳакам - **довару** маҳкама - **ҷойи ӯ**,
Вале байина ҳамчу шоҳид - **гувоҳ**.
Заҳобу маҷӣ - **рафтану омадан**,
Сиёҳат – **бигашган**, сибоҳат - **шиноҳ**.
Ҳамим **оби гарм** асту ҳавбо **тан** аст,
Ки ҳуро **сафед** асту чашмон сиёҳ.

**Алқитъат - ул - ошира фӣ баҳр - ил -Хафиф**

Моҳи мавзуну офтобликро
Вазни баҳри Хафиф ҷаст аз мо.
Фоъилотун/ мафоъилун/ фаълун
Гуфтамат ину он бихон ба мало.
Мин ва ан – **аз,** илову хатто – **то**,
Айна – **ку**, кайфа - **чун**, аму ав - **ё**.
**Фӣ дар** асту ало - **бару** кам – **чанд**,
Наҳнуно, иннано ва инно – **мо**.
Анна чун иннанӣ ва иннӣ - мин,
Мо - **чӣ** ва ман – **ки,** ҳар - **ки** ва маа - **бо**.
Инвалав – **гар**, мато - **каю** ло – **на,**
Айнамо ҳамчу ҳайсумо - **ҳар ҷо**.
Фо - **пасу** қабл - **пешу** баъд – **сипас,**
Лӣ - **мару** лӣ – **маро,** лино – **моро.**
Сад - **магӯ**, маҳ– **макун**, даъу зар – **мон**,
Лам ва ламмо, ниҳу ҳалумм - **биё.**
Зиву ҳозиву ҳозиҳӣ - **ин зан**,
Мардро зову васт бо ҳаззо.

Тилка **он зан** чу золик аст **он мард**,
Самма **он ҷо** ва ҳаққано - **ин ҷо.**
Ғайр – **ҷуз**, қатт – ҳ**аргиз,** айзан – **низ,**
Айюҳо ва айяҳ - **дур шав, бифзо**.
Маҳлан - **оҳиста бош**,оҳо – **хуш,**
Қалламо – **андако,** вабах - **найко.**

**Алқитъат - ул - ҳодня фӣ ашара баҳр -ил - Муҷтас(с)**

Зиҳӣ ба пои ту хубон ниҳода рӯи ниёз,
Қадам чу сарв, ки ушшоқрост умр дароз.
Мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун/ фаъилот,
Бигӯй Муҷтасу хуш хон ту дар мақоми «Ҳиҷоз» .
Раҷо **умеди гарон** аст, савғу ҳаллу ҷавоз-
**Равоию** насафат – **адл,** савту ҷарас - **овоз**.
Ҳазизу ғоир **ғавр** аст, ҳиҷлу ваҳда **нишеб,**
Яфоъу равбаю талл асту наҷду ҳазба **фароз.**
Таом - **хӯрданию** фуҷл - **турбу** милҳ – **намак,**
Уруз - **гурунҷу** марақ - **шӯрбо, қ**алавло - қ**оз.**
**Қасид мағзи ситабр** асту рор - **мағзи тунук**,
Қадид - **қоқу** самин - **фарбеҳу** тавил – **дароз.**
Махиз - **дӯғу** лабан – шир, кузбара – **кашниз,**
Куроъ - по**ча, ҷ**убунну басал - **паниру пиёз.**
Самизу дармака - **нони сафеду** халл – **сирка,**
Рағиф - **гурдаву** баъд асту ибтидо - **оғоз.**
Қатеъ дон **рама**, ҷаддӣ, аноқ – **бузғола**,
Чунон ки маъз - **бузу** заън - **мешу** тайс - **ниҳоз.**
Абулмалеҳ - чаковак варост куббара ном,
Чу наср - **карғасу** чун сақр чарғу бозӣ - **боз.**
Сағир – **хурд,** ҳуборо, шувоз, миҳлаб – **чарз,**

Ҳадид - **тезу** мисанн чӣ? **фасону** миқтаъ - **гоз.**
Такаррусг, вузӯъ - **обдасту** ният – **азм,**
Банийя - қиблаву қаъб асту чун салот - **намоз.**
Утос - **атса**, ачаф – **лоғарӣ, ҷузом** – **хӯра,**
Ҷабону ҳоъу ҳидон - **бедилу** тасаҳҳуб - **ноз.**
Заним - **санад**, даъий низ ҳам базий – **бешарм,**
Расил - **ҳамраҳу** баъла – **зан,** начӣ – **ҳамроз.**
Калим **ҳамсухан** асту ҳариф – **ҳампеша,**
Қарин, надим бувад **ҳамдаму** шарик - **анбоз.**
Акил - **хамхӯру ҳамкосаву** самӣ – **ҳамном,**
Рафиқ - **ёри мувофиқ**, ашир чӣ? - **Дамсоз.**

**Алқитъат - ус - сония ашара фи баҳр - ир - Рамал**

Ай қадат сарви хиромон в-ай рухат моҳи тамом,
Соз дар баҳри Рамал бори диғар сайри мақом.
Фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилот,
Ҳамчун булбул баъд з - ин ин байт бархон субҳу шом.
Қарму ғитрифу ҳулоҳил, сайиду раъсу ҳумом-
**Меҳтар** асту **дасту** садру чиз - **шайъу** исм - **ном.**
Аква, соҳат, амр - **кору** қавл - **гуфту** фаъл – **кард,**
Ҷанб – **паҳлу**, ҷор – **ҳамсоя, нигаҳбон,** сатҳ - **бом.**
Лавн - **рангу** риҳ - **бӯю бод, ғайму** ғайн – **меғ,**
Навм - **хобу** машшӣ – **рафтан**, буъд - **дурӣ**, хутва - гом.
Зубда - **маска**, дуҳн - **равған**, қутн – **пунба, суф** – **пашм,**
Куз – **кӯза**, қасъа - **коса**, кидр - **дегу** кос - **ҷом.**
Лифт – **шалғам**, бақл - **тара**, заръ - **кишту** райъ – **дахл,**
Қудс – **хирман**, ҳузма - **даста**, саъбу ониф **- тунду ром.**
Сағр – **синну** зирс – **дандон**, зуфр – **нохун**, ҷилд – **пӯст,**
Хадд - **рӯху** ҷавф – **андарун,** зиқу ҳанак - **тангиву ком.**

Одамий, инсийву инсон - **мардуму ҷиннӣ** – **парӣ,**
Аҷр - **музду** ришва - **пора**, ғурм – **товон,** дайн - **вом**.
Исбаъ **ангушт** аст, лек ибҳом - **ангушти калон,**
Боз саббоб асту вусто, бинсиру хансир тамом.
Суқм - **бемориву** сиҳҳат – **тандурустӣ**, тиҳ – **гир,**
Қайҳу дам **рим** асту **хун,** алқалс - **қай,** нийй - **хом.**

**Алқитъат - ус - солиса ашара фӣ баҳр - ил - Муҷтас(с)**

Зиҳӣ ҷамоли ту имрӯз беҳ зи дию парир,
Чаро хаданги ту омад ба сина дер ба дер?
Мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун/ фаъилот,
Бигӯй Муҷтасу мафкан зи шарм сар дар зер.
Мубориზу баталу босилу шуҷоъ - **далер,**
Шаъиру собиру каттон **ҷав** аст, чош - **зағир.**
Ғазанфару асаду лайсу ҳорису дилҳос-
Ҳизабру қасвараву ҳайдар асту зайғам - **шер.**
Руқоду ҳаҷъат – **хуфтан,** суҳод - **бехобӣ,**
Базулу бозилу монеҳ- **сахиву** шаъбон - **сер.**
Иваҷ - **каҷӣ**, ҷуруз - **бегиёҳу** амт – **баланд,**
Хибор - **нарму** ихоза, ғадиру қоъ - **кавир.**

**Алқитьат - ур - робиа ашарра фӣ баҳр - ил - Ҳазаҷ**

Гулгунча зи шарми даҳанат дар сатр аст
В -аз зикри лабат даҳони гул пуратр аст.
Мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлун/ фоъ,
Баҳри Ҳазаҷ ин аст, гар андак фикр аст.
Бисму атабу ратб чаҳорум фитр аст,
Инҳо ҳама чист? фурҷаҳои сабр аст.

**Алқитъат - ул - хомиса ашара фӣ баҳр - ил - Ҳазаҷ фӣ асомии авлоданнабӣ Саллаллоҳу алайҳи васаллам**

Ай моҳ, рухи ту хиргаҳе муҳташама,
Мулку дили май туро шуда як қалама.
Мафъулу/ мафоъилан/ мафоъилан/ фаъ,
Ин баҳр Ҳазаҷ дону бихон бо нағма.
Нуҳ ҷуфти Набӣ, ки пок буданд ҳама,
Буд Оишаву Хадичаи муҳтарама.
Бо Умми Ҳабиба Ҳафиса буду Зайнаб,
Маймуна, Сафия, Суда, Умми Салама.

**Алқитъат - ус - содиса ашарра фӣ баҳр - ил - Ҳазаҷ фӣ асомии авлодун Набӣ Саллаллоҳу алайхи вассалам**

Дар васли ту аз ҳаҷр дил андар бим аст
В-аз теғи ҷафоҳои ту дил ду ним аст.
Мафулу/ мафоилан/ мафоилан/ фоъ
Баҳри Ҳазаҷи ахраб аз ин тақсим аст.
Фарзанди Набӣ Қосиму Иброҳим аст,
Пас Тайибу Тоҳир зи дари таъзим аст.
Бо Фотимаву Руқия Умми Кулсум
Зайнаб шумар, ар туро сари таълим аст.

**Алқитъат - ус - собиа ашара фӣ баҳр - ил - Ҳазаҷ фӣ асомии ас - сувар - ал - Қуръониятал мадания**

Ай қадди ту дар гулшани тан сарви равон
В-аз рашки қадат сарв хиҷил дар бӯстон.
Мафъулу/ мафоъилун/ мафоъилун/ фоъ,
Ин навъи рубоӣ Ҳазаҷи ахраб хон.
«Нур» - у «Ҳаҷ» - у «Анфол» маданӣ медон,
Бо «Ламякун» - у «Зилзилат»- у «Аҳзоб» ҳамон.
Панҷ аввалӣ «Қад самиъ» - у «Раъд»- у «Ҳадид»,
«Фатҳ»- у пасу пеш «Наср»- у «Даҳр» - у «Раҳмон».

**Алқитъат - ус - сомина ашара фӣ баҳр - ил - Музореъ фӣ асомии маволиан Набӣ Саллаллоҳу алайҳӣ васаллам**

Ай муштаришамоилу хуршедкавкаба
Ҳусни рухи ту рашки маҳи чордаҳшаба.
Мафъулу/ фоъилоту/ мафоъӣлу/ фоъилун
Баҳри Музореъ ин бувад, эй моҳмартаба.
Мавло дувоздаҳ аст, рои яке Набиҳ,
Дигар фузола, он ки на байъ аст, не ҳаба.
Савбон, Рабоҳ,Солеҳ,Мидъам , Ясору Зайд.
Бурофиъу Зумайр, Кубайша, Муваҳиба.

**Алқитъат - ут - тосиъат ашарра фӣ баҳр - ит - Тақоруб фӣ асомии килоъал - хайбар**

Зиҳӣ гашта мулҳам ба илҳоми мулҳим,
Малак бар фалак хонда мадҳи ту доим.
Фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъӯлун
Зи баҳри Тақоруб бихон, ай муаллим.
Зи Хайбар ситуд Мустафо ҳафт қалъа,
Худояш бидод ончунон мулки солим.
Қатиба буду Ноиму Шаққу он гоҳ
Ғамусу Наттоту Сатиҳу Салолим.

**Алқитъат - ул - ишруна фӣ баҳр - ил - Хафиф фӣ асомии ал авҷоъ - ал - қомита**

Бишнав, ай ғайрати маҳи афлок,
Вазни баҳри Хафифи равшану пок.
Фоъилотун/ мафоъилун/ фаълот
Дардҳое, к-аз ӯст дил ғамнок.
Хашину лодиғ аст аъёӣ
Хаддарию мумаддиду ҳаккок.
Нохису рихва, косиру зоғит
Дон муфассих, к-аз азал шуд чок.
Заррабону сақилу соқиб боз,
Дон мисаллӣ, к-аз ӯст асли ҳалок.

**Қитаъат - ул – ҳодия вал ишрун фӣ баҳр - ил - Ҳазаҷ фӣ асомии шуҳур - ал румия**

Бидон, ай гул, ки рӯят навбаҳор аст,
Ҳазаҷ баҳри латифи обдор аст.
Мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣл
Шуҳури Рум ин ҳашту чаҳор аст:
Ду Тишрину ду конуну пас он гаҳ
Шубот, Озору Найсону Айёр аст.
Ҳузайрону Тамузу Обу Айлул,
Нигаҳ дораш, ки аз ман ёдгор аст.

**Алқитьат - ус - сония ва ишрун фӣ баҳр - ил - Ҳазаҷ фӣ асомии шуҳур - ал форсия**

Асомийи шуҳури форсӣ чун дар Ҳазаҷ омад,
Бидон ин баҳри хуш, то дар арӯзат роҳ бинмояд.
Мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун
Чу тақтеъ инчунин кардӣ, арӯзӣ гӯямат шояд,
Зи Фарвардин чу бигзаштӣ, маҳи Урдубиҳишт ояд.
Бувад Хурдоду Тир он гаҳ чу Мурдодат ҳамеояд.
Пас аз Шаҳривару аз Меҳру Обон Озару Дай дон,
Чу баҳр Баҳман ҷуз Исфандурмузат моҳе наяфзояд.

**Алқитъат - ус - солиса ва ишрун фӣ баҳр - ил - Ҳазаҷ фӣ асомис - сании ал - фория**

Баҳри Ҳазаҷи ахраб ё фахри табор,
Ин баҳр ояд чу дурри шаҳвор.

Мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъилун/ фоъ
Ҳар субҳ чу булбулон ҳамекун такрор.
Мушу Бақару Палангу Харгӯш шумор,
3- ин чор чу бигзарӣ, Наҳанг ояду Мор.
Он гаҳ ба Асбу Гӯсфанд аст ҳисоб,
Ҳамдунаву Мурғу Сагу Хук охири кор.

**Алқитъат - ур - робиъати вал ишрун фӣ баҳр - ил - Хафиф фӣ баёни буют - ул кавокиб аст**

Ай туро Моҳу Офтоб ғулом
Баҳри ин қитъа шуд Хафиф ба ном.
Фоъилотун / мафоъилун / фаъилот
Хонаҳои нуҷуму сабъа тамом.
Ҳамалу Ақраб аст бо Баҳром,
Қавсу Ҳут аст муштариро ром.
Савру Мизон чун хонаи Зӯҳр аст,
Мар Зуҳалрост Ҷаддмо Далв_мақом.
Тиру Ҷавзою Хӯша маҳ Саратон
Хонаи офтоби шер мудом.

**Алқитъат - ул - хомиса вал ишрун фӣ баҳр- ил - Хафиф ва истиқор - уш - шамс фил бурҷ**

Ай парӣ, рашки моҳи оликеш,
Ҳури ҷаннат ба фурқатат дилреш.
Фоъилотун / мафоъилун / фаълот
Ҳаст баҳри Хафиф бе каму беш.
Хур ба Ҷавзо сию ду, сию якест,
Ҳамалу Савру Шер бо пасу пеш.

Далв, Мизону Ҳуту Ақраб сӣ,
Бисту нуҳ, Қавсу Ҷаддӣ не каму беш.

**Алқитъат - ус - содиса вал ишрун фӣ баҳр - ил - Тақоруб фӣ аснои - ил - бақар**

Асомии аснон бидон дар Тақоруб,
Чу хониву гардӣ аз ин илм фориғ.
Фаъулун / фаъулун / фаъулун / фаъулун
Бигӯ баъд аз ин вазн, ай марди болиғ.
Табеъ аст ҷазаъ синни гов аст он гаҳ,
Санийю рабоъӣ, садис асту солиғ.

**Алқитьат - ус - собиа вал ишрун фӣ бахр - ил - Хафиф фӣ асоми қабоил - ис - сабо**

Ай ки дарди ту роҳати дили мост,
Ҷони беморро ғами ту давост.
Фоъилотун / мафоъилун / фаъилот
Гӯй баҳри Хафифу хон дар «Рост».
Ашъару амру ҳимяру каҳлон,
Мар(р)у Анмору Омила зи Сабост.

**Алқитъат - ус - соми вал ишрун фӣ баҳр - ил - Муҷтас фӣ тафовути авзон - ил - филизот**

Зиҳӣ рухи ту зада таъна бар маҳи даҳу чор,
Рабуд чашми ту аз ҷони беқарор қарор.

Мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилот,
Ба баҳри Муҷтас ин қитъаро бикун такрор.
Зи рӯи ҷусса ҳафтоду ду як дирам симоб.
Чилу шаш аст дар арзиз сию ҳашт шумор.
Заҳаб сад аст суруб панҷаҳу нуҳ, оҳан – чил,
Биринҷу мис чилу панҷ аст, нуқра панҷаҳу чор.

**Алқитъат - ут - тосиа вал ишрун фӣ баҳр - ир - Рамал фӣ тафовути авзои - ил - филизот**

Эй ки шуд хуршеди рухсорат ба хубӣ ҳамчу моҳ,
Дар паноҳи сояи зулфи ту маҳро такягоҳ.
Фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилот
Хез, дар баҳри Рамал ин байт бархон субҳу шом.
Нуҳ филизи муставиалҳаҷмро чун баркашӣ,
Ихтилофи вазн дорад ҳар яке беиштибоҳ.
Зар – **лаган,** симоб – **алам,** асраб - **даҳан,** арзиз – қалъӣ,
Физза, нид – **оҳан,** яке мису шибаҳ - **маҳ,** зуфр - **моҳ.**

**Алқитъат - ус - салосуна фӣ баҳр - ил - Ҳазаҷ - ил – му- самман - ис – солим**

Зиҳӣ рӯят ба хубӣ - гул. даҳонат - ғучаи хандон,
Қадат - сарви равони дил, хатат – райҳони боғи ҷон.
Мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун,
Бад ин баҳри Ҳазаҷ ин қитъаи хуш з-ин варақ бархон.
Китиф - **шона,** миъо – **рӯда,** азуд – **бозу,** ясир – **осон,**
Зимиҷҷию зимикко - **дунбаи мурғу** шиво - **бирён.**
Самам - **каррӣ,** бакам – **гунгӣ,** араҷ – **лангӣ,** булаҳ – гӯлӣ,

Алиму олиму аллом - **донохо** асий - **пазмон.**
Саҳобу оризу музну ғамом **абр** асту зил – **соя,**
Ҳаёву вобилу васмийву митрору матар – **борон**.
Рабеъ - **исми баҳор** омад, ҳариф - исми **хазон,** он ғаҳ
Шитову сайф, бешубҳа, **зимистон** асту **тобистон.**
Адую хасм **душман** дон, ҳизору хавф **тарсидан,**
Височу никл - **банд** омад, ҳасину сичн чӣ? – **зиндон.**
Абӣ – **саркаш,** батий – **коҳил,** тарий – **тоза,** ҷаний – **чида,**
Хазий – **расво,** даний – **нокас,** занӣ - **лоғар,** баҳий – **тобон.**
Сағаб, ғарсу таво ҷӯъ асту мусдарҳо луғат зи вай,
Яке – **сагбон,** дувум - ғарсон, севум – тайён, дигар - ҷӯъон.
Калаф, ишқу салаф - **лофу** сана - **солу** анин – **нола,**
Ҳазир, хошеъ, фазиъ, хоиф, қалиқ, ҳоиб, вачил - **тарсон.**
Тақию муттақӣ - **парҳезгору** абқарӣ – **неку,**
Сафан - **сӯҳон**, кадир - **тира,** хадир – **хира**, садир – **ҳайрон**.
Ватад - **меху** васаб - **ранҷу** алам - **дарду** ҷаво – **сӯзиш**,
Иқит - **панир,** даво - **дору**, таиқ - **бадхӯ** майиқ - **гирён**.
Хасир, борид, шабим - **сарду** сахин - **гарму** ҳазин – ғамгин,
Фараҳ - **шодию** масрур аст ҷазлону фараҳ - **шодон**.
Сиғар – **хурдӣ**, кибар – **пирӣ**, филиз - **конӣ**, самиҷ – **нохуш**,
Заиб – **дунба**, лаъиб – **бозӣ**, талаб – **ҷустан**, хариб - **вайрон**.
Ано - **ранҷу** сано – **рафъат**, ҷало - **нафйу** буко – **гиря**,
Ҷанаф, майлу хафар - **шарму сиёҳ** асту саҳаб - **афғон**,
Арину ғилу ғобу ғайза, айкаю шаро - **беша**.
Забад - **кафку** синин - **қаҳту** мато - **пушту** ҷироб – **анбон**,
Тануфа, маҳмаҳи файфоъ, фалоти сабсаби байдо
Чу бадви дав **биёбон** асту лувбу ҳарра – **сангистон.**
Ғамас чун абра, баъра - **жафку ашку пушк**, акма – **кӯр**,
Чу морин - **нармии бинӣ**, бароҷим - **нӯги ангуштон**.

Натин - **гандидаю** накҳату бахар **бӯи даҳон** бошад,
Зунон асту зафар - **ғандобағал,** нахъ - **оби бинӣ** дон.

**Алқитат - ул - ҳодия вас салосун фӣ –**
**баҳр - ир –Раҷаз**

Эй моҳрӯи мукнатӣ, в-эй дилбари шириндаҳон,
Хуршедрӯёнро шуда зикри лабат вирди забон.
Мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун
Ин аст тақтеъи Раҷаз, бархон чу булбул ҳар замон.
Тӯру ҷабал тавду алам **кӯҳ** аст, ҳорис - **посбон,**
Тирму асал, арӣ, зараб **шаҳд** аст, маҷҷон - **ройгон**.
Мизон - **тарозую** ҳимал - **бору** виқр **харворӣ** бувад,
Фулук, сафина, ҷория – **киштӣ**, широъаш - **бодбон**.
Луҳу сукок - **ҷав(в)-и ҳаво**, малъон – **пурӣ**, холӣ – **тиҳӣ,**
Шомих - **баланду** қулла - **сар**, меърочу сулам - **нардбон**.
Ҷисму ҷасад, шахсу талал, ҳавбову ҷусмону бадан-
**Тану** зот – **ҳастӣ**, кавн – **будан**, рӯҳ, нафсу муҳҷа - **ҷон**.
Синнавру қитту хайталу ҳирр аст **гурба**, калб – **саг**,
Бурғус - **кайку** намлу зарра - **мӯрча**, олам - **ҷаҳон**.
Қиллат-**камӣ**, роҳат - **хушӣ**, ширрат - бадӣ, мулкат – **шаҳӣ**,
Судат – **сарӣ**, ҷиддат - **навӣ**, киззат - **пурӣ**, рибат - **гумон**.
Лодиғ - **газон**, болиғ - **расон**, окил – **хурон**, ротеъ – **чарон**,
Тоир - **парон**, қотеъ – **бурон**, ҷорӣ - **равон**, соъӣ - **давон**.
Ҷамъу фариқ - қавму фирқа, уммату маъшар – фиъа,
Толиқ – **яла**, шакво - **гила**, ҳаҷма – **гала**, роъӣ - **шубон.**
Ғайю залолат – **гумраҳӣ**, буғзу адоват - **душманӣ**,
Тилко – **ҷиҳат**, Қуръон – **набӣ**, тибён - **баён**, оят - **нишон**.

## Алқитъат - ус - сонияти вас салосуна фӣ баҳр - ил - Музореъ ил -макфуф

Эй симбар, ки ҳаст дилат ҳамчу хора сахт,
Ҷон дар ҳавои лаъли ту хун баст лахт - лахт.
Мафъӯлу / фоъилоту / мафоъӣлу / фоъилот,
Ин баҳрро Музореъ дон, эй саъидбахт.
Мизоб - **новдону** надо - **нам**, шаҷар – **дарахт**,
Чу мултаҷо - **паноҳу** малик - **шаҳ**, сарир - **тахт**.
Куллу ҷамеъ қотибаю ҷумла дон **ҳама**,
Шатрсту нисф – **нима**, ҷузвсту баъз - **лахт**.
Файҷан – **судоб**, суму қасад - **сайру бодранг**,
Дуббо - **кадуву** қаръу тарою шадид - **сахт**.
Қиссо - **хиёру** силқ – **чуғандар**, ҷазар – **чазар,**
Наъноъ **пудииа** асту асосу матоъ - **рахт.**
Хадаъ - **фиребу** сабр - **шакебу** ҷамол - **зеб**,
Зийю - **либос**, кисват чун ҷадду ҳаз(з) - **бахт**.
**Моҳи шаби чаҳордаҳ** бадр аст, хирманаш,
Ҳол аст **соя**, фай бувад **моҳтоби фахт**.

## Алқитъат - ус - солисату вас салосуна фӣ баҳр - ил - Хафиф - ил - мусаддас

Эй хатат рашки мушки тоторӣ,
Завқи баҳри Хафиф гар дорӣ.
Фоъилотун / мафоъилун / фаълун
Гӯй чун булбулони гулзорӣ.
Сукр - **мастиву** саҳв – **ҳушёрӣ,**
Насру авну музоҳират - **ёрӣ**.
Мубраму мутқану матин – **маҳкам,**

Музлиму доҷу мудлаҳим - **торӣ**.
Ваҳну ваҳӣ аст ванӣ – **сустӣ**, лек
Зуллу зиллат, ҳавону ҳун - **хорӣ**.
Ибтиҳолу зароат асту зараъ,
Истикона, тазорруъ - **зорӣ**.
Қасаму ҳалфаву ямин – **савганд,**
Зиммию аҳли зимма - **зинҳорӣ.**
Ёсу ҳирмон, қунут - **навмедӣ,**
Чун тааттул батола - **бекорӣ.**
Қирд **- каппӣ**, қузоъа **- саг(и) обӣ,**
Ҳирфа - **пеша**, ҳаро - **сазоворӣ**.
Зарбу ҷалд асту асву ҳарв – **задан,**
Туркӣ - урмоқ, ҳиндуӣ - морӣ.

## Алқитьат - ур - робиату вас салосуна фӣ баҳр - ил - Ҳазаҷи Мусамман - ис - солим

Зиҳӣ дил бурда аз гул лолаи рӯят ба раъноӣ,
Шуда девонаи занҷири зулфат ақли савдоӣ.
Мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун,
Бихон ин қитъа дар баҳри Ҳазаҷ, ай нури биноӣ.
Вуқуфу ҳадсу шеъру илму фиқҳу фаҳм – **доноӣ,**
Ғумору ҳафла – **анбуҳӣ,** ҳидат чун ваҳда - **танҳоӣ.**
Асору масканат чун бӯъсу фақру айла – **дарвешӣ,**
Махотиму мукоил, кайлҳо, файлула - **бероӣ.**
Тира, зиғну загина, иҳнаю ҳиқду ҳанақ – **кина,**
Қасима, фора – **нофа,** тоқату қудрат **- тавоноӣ.**
Ило – **неъмат,** зарар - **заҳмат** бало ҳам **неъмату заҳмат,**
Кинон - **кин**(н)у ғито - пӯшиш, фазиҳат, фазҳ - **расвоӣ.**

**Алқитъат - ул - хомиса вас салосуна фӣ баҳр-ил - Музореъ - ил - ахраб - ил - маҳзуф**

Эй мушки ту рақам зада бар сафҳаи қамар,
Ҷаст аз руху лабат дили бемор гулшакар.
Мафъӯлу / фоъилотун / мафъӯлу / фоъилун
Баҳри Музореъ омада ин баҳри пургуҳар.
Измилу шафра, миҳзо **нишгурда дон,** закар-
Пӯлод, анис – **зиддш,** искоф - **кафшгар.**
Хинзир - **хуку**, риҷас – **наҷас,** сулб – **косамӯй,**
Тисхину қафш **- кафшу** насо чун набо **- хабар.**
Шакр асту фарҷу ҳир – **к…с,** кайн - **андруни он,**
Маҳбил - **даҳон** - шу қаҳбаллису зуббу айр - **нар.**
Хуся аст х**оя,** она - заҳрост, сурра – **ноф,**
Суғра **- магоқи сина**ву раммоъа **- тори сар**.
Ковус дон **сукоча**ву зоғут **– найдулон.**
Ҷосум дон мунаддиду ҳатток - **пардадор.**
Минҳочу манҳаҷҷу ҷудуду қасд – **роҳи рост**,
Вирду шариату атану маврид - **обхӯр**.
Зиққ - ҳику ниҳй - **машк** чу қирба, исом – **банд,**
Шан(н) **машки куҳна** бошаду сарром - **чармгар.**
Фаддон лубоюю минсафа - чак ҳамчу нир ҷак,
Мисҳот - **белу** мимсаҳа - **молаю** филаъ - **табар.**
Мисвот- панҷаю минқала **зӯр** аст, марр – **каланд,**
Бошад шаруф **занбару** аккор - **барзгар.**

## Алқитъат - ус - содисати вас салосуна фӣ баҳр - ил - Музореъ - ил - мусамман - ил - мақсур

Ай ҷони ман зи новаки чашми ту гашта реш,
Бар дил муҳаббатат зи балои ғами ту неш.
Мафъӯлу / фоъилоту / мафоъӣлу / фоъилот
Ин баҳр шуд Музореъ созаш ба вирди хеш.
Ақраб чу **каждум** аст, ҳума – **заҳраш,** ибра – **неш,**
**Ҷ**аъба, ҷафиру вафза ҳамчун кинона - **кеш.**
**Эъсор - гирдбода**ву **накбо** касиру шамол,
Боло - ҷануб зидду сабо - **пас**, дабур - **пеш**.
Ҳуммо, тапу судоъ, фуоду кубод ҳаст
**Дарди сару дилу ҷигару** ҷурҳу қарҳ - **реш**.
Заҳр аст **пушту** батн - **шикам,** фарв – **пӯстин,**
Аля, наъома - **дунбу шутурмурғу** наъҷа - **меш.**
Ҳонут чун **дукон** шуду хилтийт – **ангуза,**
Бошад ғаро **сиреши мӯ** сарту дабақ - **сиреш**.

## Алқитъат - ус - собиъат вас салосуна фӣ баҳр- ир – Рамал

Эй ба гирдат саф зада хубони ҳуроманзара,
Ҳамчу анҷум баста гирди моҳи тобон доира.
Фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилун,
Ҳаст ин баҳри Рамал хуш хон ба савти ҳанҷара.
Шамаъ - **муму** зифу баҳраҷ – **носара, ҷаййид** – **сара,**
Шодину хишфу ғазол асту рашо - **оҳубара.**
Сукба **сӯрох** аст, минҷал - **досу** байрам – **гирдбур,**
Калбатон **мош** асту каллут - **анбуру** миншор - **арра**.
Шайху фониву яфан, ҳимму ҳарим **пир** аст **зол,**

Ҳайзабуну шаҳла, аҷуз, дардабис - **шаҳпира**.
Улв – **боло, сифл - пастӣ,** зайл - **доман,** қаср – **кӯшк,**
Ҷизму бунёну асос **асл** асту шурфа - **кунгура.**
Мукдимулъайн аст моқӣ, мавқу мувқу маъқу моқ,
Кунҷи **чашму** муххираш – **дунбол,** ҳозил - **масхара.**
Ҷавз - **гавзу** лавз **бодомасту** уҷҷа – **хоғина,**
Чун сиритрот аст **полуда,** мусамман **парвара.**

### Алқитъат - ус - сомина вас салосуна фӣ баҳр - ил – Музореъ

Ай бурда меҳр аз маҳи рӯи ту машъала,
Маҳ кист, то ба рӯи ту гардад муқобала?
Мафъӯлу / фоъилоту / мафоъилу / фоъилот,
Баҳри Музореъ аст, бихон хуш ба ғулғула.
Хориҷ – **берун**, ҷамад - **яху** зуҳлуфа – **чичла**,
Дохил – **дарун**, табақ - **таҳу** завзот – **машғала.**
Добуға **тарбуз** омада, биттих – **харбуза,**
Чун каъку коку қурс - **кулича**, либо - **фула**.
Қунфуз чу **хорпушту** сулаҳфот – **сангпушт,**
Заб - **сусмору** зифдиъ - **чағру** далақ - **дала**.
Ҷабҳа - **ҷакоду** мафриқа - **фарқу** димоғ – **мағз,**
Уммуддимоғ - **ҷои вайу** ҷумҷума – **кала.**
Талқу махоз - **дарди зеҳу** ғайл - **шири ҳамл,**
Удра, ғуру шаро – **ҷударӣ**, нафта - **обила**.
Вузъ **он бача**, ки охири туҳраш бувад улуқ,
Ятн **он ки бозгуна** биёяд ба қобила.
Матбух – **пухта**, миғрафа – **кафгир**, фавр –**ҷӯш,**
Усфийя - **деғпояву** тинҷир - **потила**.
Мушт аст **шона**, далқ – **куҳан**, минсо – **ассо,**

Мирту кисо **гилем** бувад, арбаъин - **чила**.
Сатр аст забр, рақами хат, сифр чӣ? Китоб,
Тафтишу баҳс кофтану фаҳсу масъала.
Минҳот **ранда** бошаду минқор **искана,**
Мисқаб - **мата**, шарак бувaду **дому** фах - **тала**.
Меъёр чӣ? **Тарозуи зар**, санҷна ҳам амуд,
Шоҳину фалсу каффа чӣ бошад? **Пулу пала.**

**Алқитъат - ут - тосиа вас салосуна** фӣ **баҳр** - ил - **Муҷтас (с)**

Зи нури орази ту чашми шамсрост зиё,
Ба баҳри Муҷтас ин назм хон сабоҳу масо.
Мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилот,
Зи тоби зирс мунаввар дили гуҳар якто.
Арика - **тахту** ино - **бордон** чу зарфу виъо,
Ҷарӣ – **далер,** мараз – **хастагӣ,** араз - **коло.**
Намир - **оби гуворанда** дону азрақ - **соф,**
Самид, ғадақ - **каму бешу** хизора дон **дарё.**
Ғадир - **об каволӣ** ба дашт, қантара – **пул,**
Амиқ **жарф** бувад, наҳр – ҷӯй, навл **- ато.**
Ҳабоб **каввила** бошад, кароҳ - **оби маъин,**
Нақиз, рокиду рибқа, шатан - **расан** чу рашо.
Синон чӣ? **Санги фасону** лаҳоф - **санги тунук,**
Рухом - **санги насав,** нубла - **санги истинҷо.**
Нашаф чӣ? **Пошнаи санг** аст, **сангу гил** - сиҷҷил,
Ки санги сурмаву тоҳуна **исмид** асту **риҳо.**
Асир - **шираву** моъун - **закоти рахти буют**,
Сиёъ - **коҳгил** асту саъуд - **сарболо.**

Нақиру нода, милот аст **гил миёни ду хишт**,
Имом чӣ? Ражаю роза дону роза – **банно.**
Наҳик – бонги **ҳимору** хувор – **бонги** бақар,
Саҳил - **бонги** фарас, салсал аст **бонги даро.**
Наъиб - **бонги кулоғу** танин - **бонги магас,**
Нубоҳ - **бонги сагу бонги гург чист? -** Уво.
Ҳадир - **бонги кабӯтар**, сарир - **бонги қалам,**
Зубоҳ - **бонги рӯбаҳу** ваъваъ аст **бонги авво**.
Нақиқ – **бонги хуку мокиён**,нақал – **паранда,**
Нақиъа - **номи зиёфат,** валек баъд аз сафар.

### Алқитъат - ул - арбаъун фӣ баҳр - ит - Тақоруб

Зиҳӣ табъи ту дурҷи дурру гуҳар,
Гарат ҳаст з-ин баҳри мавзун хабар.
Фаъӯлун / фаъӯлун / фаъӯлун / фаъул,
Ту ин баҳри дилкаш Тақоруб шумар.
Ки ойин, ки ойин ва к-ойин,
Ва кайя ба маънӣ **кам андар хабар**.
Ваҷизу мулаххас бувад мухтасар,
Сиво – **ҷуз**, наам – **оре ,** илло – **магар**.

### Алқитъат - ул - ҳодия вал арбаъуна фӣ баҳр - ил - Хафиф - ил - мусаддас - ил - маҳзуф

Маҷмаи ҳусну нозу ишванажод
Рашки ҷонони олами иҷод.
Фоъилотуи / мафоъилун / фаълун,
Кун ба баҳри Хафиф дилро шод.

Навъҳои луғат зи ман бишнав,
Аввалан аслӣ асту ҳамчу имод.
Пас муваллид чу зифдаю тоҷан,
Боз тасхилу талҷан, ай устод.
В-аз муаҷҷам сахию кисват фарқ,
Адли баъзу давом - истеъдод.
Набл, шифу зафар, вадиъат – **ной**,
Қаръу зан, байъу хуфя аз аъдод.
В-аз муарраб шинос занҷу далақ,
Ялмақу кафшу баҳраҷ аст ба ёд.
Мутарак ҷорияст айну риҷо,
Мутародиф ҷинону қалбу фуод.
Мухталиф дар миёни арбу аҷам,
Ҷазру ҷавзу тос **ташт** афтод.
Аслу бардро ҳақиқат дон,
**Оре, қасрро** маҷоз дон чу садо.

## Алқитъат - ус - сонияту вал арбаъун фӣ баҳр - ил - Хафиф - ил - мусаддас

Эй қадат сарву гул рухи раъно,
Гул зи рӯи ту дар арақ зи ҳаё.
Фоъилотун / мафоъилун / фаълун,
Вазни баҳри Хафиф хон инро.
Фарфаҳу риҷла, бақлатулҳамқо,
**Хурфа** дон, фарду мунфарид **танҳо.**
Маъмаъон асту дафф ҳар гармо,
Замҳарир асту барду қур - **сармо**.
Вард **гул** дону ҳинд бо – **коснӣ,**
Арҷу тайййиб, абиқ бувад бӯё.

Наъму ваҳш аст **чорпо**, саббуъ-
**Дад**(д), ҷаббона - **дашту** дор - саро.
Аҷуз аст **варик** чу ридф – **сурин**,
Мисл куфв аст **шибҳу** пид(д) **- ҳамто**.
Хас(с) чӣ? **коҳу** суътар – **овес,**
Менависанд **дӯ**хро халфо.
**Мӯрд** - осу савкро – ҳуммоз,
Ҳулбат **шамлида** асту роб – камо.
Қинбу буср асту талҳ - **ботартиб**
**Хӯша, ғӯра, шукуфаи хурмо.**
Носу инсу унос – **одамиён,**
**Падару модар** - Одаму Ҳавво.

**Алқитъат - ус - солиса вал арбаъун фӣ баҳр - ил - Рамал - ил - мусамман - ил – маҳзуф**

Ёфт аз шамъи ҷамолат нур чашму босира,
Хубрӯёни ҷаҳон гарданд гирдат доира.
Фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилун,
Хез, дар баҳри Рамал бархон ба савти ҳанҷара.
Ҳаст манзар **рӯю** миръоту сиҷанҷал – **ойина**,
Ҳаст Исо сангу Мӯсо дону ҳалок - **устура**.
Айру ноҳиқ - **нархар**у аммо анон **модахар** аст,
Иҷл **гӯсол**аст, лекин ҷаҳшу тавлаб - **харкурра**.
Чун икоф асту валия, барзаъа - **полони хар,**
Миқвад афсор асту михлоту алиқа - **тӯбра**.

Таммати рисола фӣ санаи 1311

**Таҳияи Саидамир Аминов**

**«НИСОБ – УС – СИБЁН»**

Ба чоп 21.05. 2018 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андозаи 60х80/16. Ҷузъи чопии 2,5.
Адади нашр 500 нусха.
Супориши № 35/2018

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50
Тел.: 222-14-66.
E-mail: najmiddin 64 @ mail. Ru

Дар матбааи «Нигор»
чоп шудааст.

МАОРИФ

9 789994 715312